**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ).– Душанбе, 2026.**

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи сифатан нави рушди давлатдорӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар барои пешрафти илму маориф, бахусус илмҳои таърих, имкониятҳои васеъ ва шароити мусоиди илмиро фароҳам овард. Дар ин давра муҳаққиқони тоҷик имконият пайдо намуданд, ки таърихи халқу давлат, равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва масъалаҳои муҳимми таърихи минтақа ва ҷаҳонро бо такя ба сарчашмаҳои нав ва аз мавқеи воқеъбинонаи илмӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Маҳз дар замони Истиқлолият таърихнигории миллӣ ба марҳилаи нави рушд ворид шуда, мавзуъҳои қаблан камомӯхташуда ва ё аз лиҳози илмӣ ба таври кофӣ таҳқиқнашуда ба доираи таҳқиқоти муҳаққиқон ворид гардиданд.

Дар ин раванд таҳқиқи таърихи муосири кишварҳои минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, аҳаммияти хосса касб менамояд. Афғонистон дар охири асри XX яке аз минтақаҳои буҳронии ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар ин кишвар тағйироти куллии сиёсӣ, низоъҳои мусаллаҳона, мубориза҇ҳои дохилӣ барои ҳокимият, дахолати неруҳои хориҷӣ ва мушкилоти ҷиддии давлатсозӣ ба вуҷуд омаданд. Аз ин рӯ, омӯзиши воқеъбинонаи равандҳои сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ дар Афғонистон дар солҳои 1992–2001 на танҳо аҳаммияти таърихӣ, балки арзиши муҳимми илмӣ ва минтақавӣ низ дорад.

Мавзуи диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон – «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» – маҳз ба яке аз марҳилаҳои мураккаб ва сарнавиштсози таърихи муосири Афғонистон бахшида шудааст. Ин давра

бо суқути низоми сиёсии қаблӣ, шиддат гирифтани муборизаҳои дохилии сиёсиву низомӣ, ташаккули неруҳои нави сиёсӣ, зуҳур ва ба қудрат расидани ҳаракати «Толибон», инчунин афзоиши таъсири омилҳои минтақавию байналмилалӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар тавсиф мегардад.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти мазкур кӯшиш намудааст, ки вазъи сиёсӣ-низомии Афғонистон, равандҳои ташаккули ҳокимияти сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозиро дар солҳои 1992–2001 ба таври низомманд ва дар робитаи байниҳамдигарӣ мавриди таҳлил қарор диҳад. Муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро танҳо дар доираи воқеаҳои сиёсиву низомӣ маҳдуд накарда, ба омилҳои дохилӣ ва хориҷие, ки ба равандҳои мазкур таъсири бевосита ва ғайримустақим расонидаанд, таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намудааст.

Аз ҷиҳати сохторӣ диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Сохтори кор дар маҷмуъ ба мақсад ва вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузоштошуда мувофиқ буда, масъалаҳои асосии мавзуъ дар пайдарҳамии муайяни таърихӣ ва мантиқӣ баррасӣ шудаанд.

Яке аз ҷанбаҳои қобили таваҷҷуҳи кори мазкур истифодаи маҷмуи сарчашмаҳо ва адабиёти илмии марбут ба мавзуъ мебошад. Диссертант маводи таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар асоси онҳо кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои асосии таҳқиқотро муайян ва арзёбӣ намояд. Муаллиф инчунин барои муайян намудани асосҳои методологии таҳқиқот ва интихоби усулҳои муносиб барои таҳлили равандҳои таърихӣ тадбирҳои зарурӣ андешидааст.

Дар автореферат масъалаҳои асосии таҳқиқот ба таври пайдарпай инъикос гардидаанд. Аз ҷумла, мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши масъала, асосҳои

методологӣ, доираи хронологии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, навгонии илмӣ ва муқаррароти асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда баён гардидаанд. Мазмуни бобу зербобҳо низ ба таври мухтасар, вале илмӣ инъикос гардида, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли хулосаҳои мушаххас пешниҳод шудаанд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф кӯшиш намудааст, ки мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намуда, мақсад ва вазифаҳои асосии онро дуруст муайян намояд. Баррасии осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба муаллиф имкон додааст, ки сатҳи омӯзиши масъалаи мавриди назарро муайян карда, ҷойгоҳи таҳқиқоти худро дар низоми таърихнигории масъала мушаххас намояд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати диссертатсия, ба сифати эроди илмӣ метавон қайд намуд, ки дар баъзе мавридҳо таҳлили таъсири омилҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ба раванди давлатсозӣ дар Афғонистон метавонист боз ҳам амиқтар ва муфассалтар сурат гирад. Ҳамчунин, дар баъзе масъалаҳо ҷудо намудани мавқеи сарчашмаҳои аввалия аз андешаҳои таҳлилгарон ва муҳаққиқони баъдӣ метавонист ба возеҳтар шудани арзёбии илмии муаллиф мусоидат намояд. Аммо ин эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ ва аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Бо дарназардошти мазмун ва муҳтавои диссертатсия метавон бо итминон таъкид намуд, ки Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар раванди таҳқиқ ба ҳадаф ва вазифаҳои асосии пешгузоштаи худ ноил гардидааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии пешниҳоднамудаи диссертант аз муҳтавои таҳқиқот мантиқан бармеоянд ва ҷанбаҳои муҳимтарини масъалаи мавриди омӯзишро фаро мегиранд.

Қобили таъкид аст, ки арзиши таҳқиқот дар ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маводи таърихӣ маҳдуд нашуда, муаллиф дар асоси таҳлили сарчашмаҳо кӯшиш намудааст, ки ба равандҳои сиёсӣ-низомии Афғонистон баҳои илмӣ диҳад ва робитаи байни низоъҳои дохилӣ, мушкилоти давлатсозӣ ва таъсири омилҳои хориҷиро муайян намояд. Ин равиш ба таҳқиқ хусусияти таҳлилӣ ва илмӣ бахшида, онро аз як тавсифи одии воқеаҳои таърихӣ фарқ менамояд.

Бо назардошти аҳаммияти мавзуъ, сатҳи таҳлил, истифодаи сарчашмаҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада, навгонии таҳқиқот ва аҳаммияти назариявию амалии он, метавон хулоса намуд, ки автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон сазовори дарёфти дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 – Таърихи умумӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.т., дотсент, декани факултети
дипломатия ва сиёсати Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадзода У.Д.

**Имзои Маҳмадзода У.Д.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33.
Телефон: 907-42-95-24 E-mail: ubaidullo.88@mail.ru

10. 09. 2026.